**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи тасдиқи Низомномаи Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомномаи замимагардидаи Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои Низомномаи мазкурро таъмин намуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурбударо таҳия ва тасдиқ намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 29 декабри соли 2003 № 575
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 декабри соли 2003 № 575
тасдиқ шудааст

**Низомномаи Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**I. Муқаррароти умумӣ**

1. Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамот) системаи ягонаи давлатии мутамаркази мақомот ва муассисаҳои тандурустӣ мебошад, ки назорати санитарию эпидемиологиро бо мақсади таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

2. Хадамоти санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамоти Вазорати тандурустӣ) мақоми давлатии ваколатдорнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба анҷом додани назорати санитарию эпидемиологӣ мебошад.

3. Мақомот ва муассисаҳои Хадамот дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ", "Дар бораи таьмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ" ва дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, фармонҳо, карорҳо, супоришҳои Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳамин Низомномаро дастури амал қарор медиҳанд.

4. Мақомот ва муассисаҳои Хадамот шахсони ҳуқуқӣ буда, смета ва балански мустақили даромад ва хароҷот, фондҳои асосии шахсӣ, ҳисобҳои пардохт дар хазинадорӣ, аз ҷумла ҳисобҳои шахсӣ, мӯҳр бо

тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ ба забони давлатӣ дошта, аз рӯи тартиби муқарраркардашуда соҳиби молу амвол буда, ба онҳо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ва хоҷагидорӣ дода шудааст.

5. Ҳуҷҷатҳои ташкилию дастурии хадамоти санитарию эпидемиологӣ инҳоянд: Санади муоинаи санитарию эпидемиологӣ, Дастури санитарию эпидемиологӣ, Протокол оид ба қонуншиканиҳои санитарию эпидемпологӣ. Қарор дар бораи бастани ҷарима. Қарор дар бораи манъ кардани истифодабарии объект. Хулосаи санитарию эпидемиологӣ, Хабарнома барои додани баёнот доир ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии санитарию эпидемиологӣ, ки Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта шудаанд.

**II. Вазифахо ва функсияҳои Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

6. Вазифаи асосии Хадамот ошкор, огоҳкунӣ ва андешидани чораҳое мебошанд, ки ба паст намудани таъсири омилҳои хатарнок ва зиёновари муҳити зист ба саломатни инсон равона шудааст.

7. Мақомот ва муассисаҳои Хадамот тибқи ин Низомнома ва вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда:

дар ташаккули самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ иштирок менамоянд;

фаъолияти дигар вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳоро, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравии онҳо, доир ба масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ ва анҷом додани назорати истеҳсолӣ ва ҷамъиятии риояи меъёру қоидаҳо ва иҷрои чорабиниҳои гигиенӣ ва зиддиэпидемӣ, ҳамоҳанг месозанд;

дар таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатию минтақавӣ, инчунин илмӣ, илмию техникӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, иштирок менамоянд;

дар доираи салоҳияти худ назорати иҷрои талаботи қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ анҷом медиҳанд;

кори комиссияҳои фавқулоддаи зиддиэпидемиявии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявиро таъмин мекунад ва иҷрои қарорҳои онҳоро назорат менамоянд;

харидорӣ ва таъминоти доруҳои тиббии иммунобиологӣ, маводи дезинфексионӣ, асбобҳои ченкунандаи гигиенӣ ва маводи лабораторию ташхисиро барои мақомот ва муассисаҳои Хадамот ба роҳ мемонанд;

оид ба гузаронидани чорабиниҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемӣ, ки иҷрояшон барои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ,

корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчуннн шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ҳатмӣ мебошад, қарорҳо қабул менамоянд;

назорати санитарию эпидемиологиро дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани воридшавӣ ва паҳншавии бемориҳои карантинӣ (тоун, вабоҳ варачаи тропикӣ) ва днгар бемориҳои сироятӣ, ки барои аҳолӣ хатар доранд, анҷом медиҳанд, инчунин доир ба пешгирӣ намудани воридшавии молҳо, моддаҳои химиявӣ, биологӣ ва радиоактивӣ, партовҳо ва дигар борҳои барои инсон хатарнокбуда ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешанд;

бо хадамоти давлатии байтории ҷумҳурӣ оид ба гузаронидани чорабиниҳои бартараф кардани сироятҳои антропозоонозӣ ҳамкорӣ менамоянд;

нисбати беморони гирифтори бемориҳои сироятӣ (паразитӣ) тадбирҳо меандешанд, сабабҳо, омилҳо ва шароитҳои пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ, паразитӣ, касбӣ, заҳролудшавӣ аз маводи озуқа, инчунин дигар бемориҳои оммавии одамонро, ки ба таъсири бади омилҳои муҳити зисти инсон вобастаанд, бо роҳи доир намудани тадқиқотҳои махсуси санитарию эпидемиологӣ, муқаррар намудани алоқамандии сабабу натиҷаҳои байни вазъи саломатӣ ва муҳити зисти инсон дар асоси мониторинги иҷтимоию гигиенӣ, ошкор ва муқаррар менамоянд;

тартиб ва пешбурди бақайдгирии давлатӣ ва ҳисоботи бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла штампҳои истеҳсолии микроорганизмҳо, бемориҳои паразитӣ, касбӣ, бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ, (заҳролудшавӣ аз маводи озуқа), дигар бемориҳои одамонро, ки ба таъсири бади омилҳои муҳити зисти инсон вобаста мебошанд, муқаррар менамоянд; ва тибқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи давлатӣ пешниҳод мекунанд;

доир ба сари вақт огоҳонидани аҳолӣ аз пайдоиши бемориҳои сироятӣ, бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ (заҳролудшавӣ), вазъи муҳити зист ва чорабиниҳои санитарию зиддиэпидемие (пешгирикунандае), ки гузаронида мешаванд, тадбирҳо меандешанд;

тадқиқотҳои илмӣ ва дигар тадқиқотҳо, инчунин сертификатсияи навъҳои алоҳидаи маҳсулотро дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ ташкил ва ҷорӣ менамоянд;

тафтишот, тадқиқот, муоина, санҷишҳо, инчунин ташхис ва дигар навъи баҳодиҳиро мегузаронанд;

корҳоро оид ба тарбияи гигиении аҳолӣ, кормандони корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва хусусӣ ташкил менамоянд, дар омӯзондани аҳолӣ, аттестатсия, тарбияи гигиении кормандоне, ки фаъолияти онҳо бо истеҳсолот, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва фурӯши маҳсулоти озуқа ва

оби нушокӣ, тарбия ва омӯзонидани кӯдакон, хизматрасонии коммуналӣ ва маишии аҳолӣ вобаста аст, иштирок менамоянд;

таҳия, интишор ва паҳн намудани маводи айёнӣ ва дигар иттилоотро оид ба омӯзиши тарбияи гигиении аҳолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, ба таври истисно ба воситаи мақомот ва муассисаҳои Хадамот мувофиқи супориши сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;

номгӯйи бемориҳоеро, ки ба муқобили онҳо эмкуниҳои ҳатмии пешгирикунанда гузаронида мешаванд, тартиб, мӯҳлатҳои гузаронидани онҳо ва гурӯҳи аҳолиро муайян менамоянд;

тартиби гузаронидани муоинаҳои пешакӣ ва мунтазами тиббиро муқаррар менамоянд;

тартиби баҳисобгирӣ, пешбурд ва ба коргарон додани дафтарчаҳои тиббии шахсиро муайян менамоянд;

тибқи тартиби муқаррargардида бо супориши сардухтурони давлатии санитарӣ, инчунин тибқи аризаҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, оид ба арзёбии таъсири омилҳои муҳити зист ба саломатии инсон экспертизаҳои санитарию эпидемиологӣ ва машваратҳо доир менамоянд;

назорати моддаҳои радиоактивӣ, манбаъҳои афканишоти ионизатсиякунанда ва ионизатсиянакунандаро дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ анҷом медиҳанд.

**III. Сохтори Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

8. Ба сохтори Хадамоти Вазорати тандурустӣ Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил аст, ки фаъолияти онро Низомномаи тасдиқнамудаи Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд, дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бланкҳо бо номи худ мебошад.

Дар тобеияти бевоситаи Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо қарор доранд:

марказҳои давлатии назорати санитарию эпидемиологии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ;

марказҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ташаккули тарзи солими ҳаёт;

маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика ва филиалҳои он дар маҳалҳо;

марказҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ;

марказҳои ҷумуриявӣ, вилоятии пешгирӣ ва мубориза бо СПИД; маркази ҷумҳуриявӣ оид ба проблемаҳои ғизо;

стансияи зиддитоунии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии амрози тибби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба мақомоти вилоятии хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон марказҳои ноҳиявию шаҳрии назорати санитарию эпидемиологӣ ва дигар муассисаҳои Хадамот бевосита тобеъ мебошанд.

9. Сохтор, шумораи кормандон ва ҷадвали штатҳои ташкилотҳои Хадамоти Вазорати тандурустиро роҳбарони он тибқи фармони Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.

10. Тарбияи духтурон ва кормандони миёнаи тиббӣ барои ташкилотҳои Хадамоти Вазорати тандурустӣ дар таълимгоҳҳои олӣ ва миёнаи тиббӣ дар асоси дархости ҳарсолаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қарордодҳое, ки ташкилотҳои Хадамоти Вазорати тандурустӣ бо муассисаҳои дахлдори таълимӣ мебанданд, сурат мегирад.

11. Бозомӯзонии мутахассисони ташкилотҳои Хадамоти Вазорати тандурустӣ на камтар аз як маротиба дар панҷ сол дар курсҳои такмили ихтисоси Институти тарбияи баъд аз дипломии кадрҳои тиббии Тоҷикистон ва дар хориҷи ҷумҳурӣ сурат мегирад.

12. Барои аттестатсияи мутахассисони ташкилотҳои Хадамоти Вазорати тандурустӣ дар назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳои аттестатсионӣ таъсис дода мешаванд, ки тибқи Низомномаи тасдиқнамудаи Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

**IV. Мақомоти идораи Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

13. Фаъолияти Хадамотро инҳо амалӣ менамоянд:

Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовинони Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии ТОҷИКИСТОНсардори Раёсати назорати давлатии санитарию эпидеииологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистонсардухтури Маркази давлатии ҷумҳуриявии назорати санитарию эпидемиологӣ; Сардухтури давлатии санитарии ВМБК;

сардухтурони давлатии санитарии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

сардухтури санитарии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардухтури санитарии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардухтурони санитарии дигар вазорату идораҳо.

14. Мақомот ва муассисаҳои хадамоти санитарию эпидемиологии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо назорати давлатии санитарию эпидемиологиро дар объектҳои тобеъ, инчунин ҳудудҳои

хизматрасонанда тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҳокимияти иҷроияи дахлдор дар мувофиқа бо Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

15. Мақомот ва муассисаҳои Хадамот, ки дар ихтиёри Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, назорати санитарию карантиниро анҷом медиҳанд.

16. Ба зиммаи Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

ҳамоҳангсозии фаъолияти сардухтури давлатии санитарӣ, ки дар банди 14 ин Низомнома нишон дода шудааст;

амалӣ намудани назорати иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

масъулияти шахсӣ барои тақсими ӯҳдадориҳо байни муовинони худ, идора ва ташкили кори Хадамот, тасдиқи низомномаҳои марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, дигар мақомоту муассисаҳо ва шахсони мансабдори Хадамот;

ташкили талаботи ягона дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани назорати санитарию эпидемиологӣ;

ташкили назорати давлатии санитарию эпидемиологии пешгирикунанда ва ҷорӣ;

намояндагӣ намудани манфиатҳои Хадамот дар тамоми корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият тибқи қонунгузории амалкунанда;

пешниҳоди таклифҳо оиди тақсимоти маблағҳои фонди эпидемиологӣ, ки ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемӣ ҷудо карда мешаванд. ихтиёрдорӣ намудани амволи ба Хадамот вобастакардашуда;

ҳамоҳангсозии тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

ташкили системаи ягонаи бақайдгирии давлатӣ ва ҳисобот дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

тибқи тартиби муқаррargardида пешниҳод намудани таклифҳо оиди дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудан ё бекор намудани чорабиниҳои маҳдудкунанда (карантин);

ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравии онҳо, ташкилотҳои байналмилалие, ки фаьолияти худро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ анҷом медиҳанд;

муайян намудани тартиби баҳисобгирӣ, пешбурд ва ба коргарон додани дафтарчаҳои тиббии шахсӣ;

ташкили системаи ягонаи давлатии тарбия ва бозомӯзии мутахассисон барои мақомот ва муассисаҳои Хадамот;

амалӣ намудани аттестатсияи мутахассисоне, ки дар Хадамот фаъолият доранд ва сертификатсияи дониши онҳо;

пешниҳоди таклифҳо оид ба ҳавасмандгардонии кормандони Хадамот ва истифодаи ҷазоҳои маъмурӣ нисбати онҳо;

додани гувоҳномаҳои шахсӣ ва нишонҳои фарққунанда ба сардухтурони давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардухтурони давлатии санитарӣ ва роҳбарони мақомот ва муассисаҳои Хадамоти ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва марказҳои идоравии назорати санитарию эпидемиологӣ;

Ҳуҷҷатҳои ташкилию супоришотии Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд: Қарор дар бораи манъ карданн истифодабарии объект, фармон, супориш, амрнома ва огоҳномаҳо барои додани баёнот оид ба далели қонунвайроикунии санитарию эпидемиологӣ.

17. Сардухтури давлатии саннтарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоту муассисаҳои Хадамот роҳбарӣ менамояд.

18. Ба зиммаи сардори Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

роҳбарӣ ба фаъолияти мақомот ва муассисаҳои Хадамоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, муайян намудани шартҳои созишномаҳои дуҷонибаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки дар системаи Хадамот фаъолият менамоянд;

амалигардонии роҳбарии умумӣ оид ба таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

гирифтани иттилоот, аз вазорату илораҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравии онҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаьолият доранд, инчунин маълумотҳои оморӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва дигар маводи зарурӣ оид ба масьалаҳои санитарию эпидемиологӣ аз муассисаҳои табобатию профилактикӣ;

пешниҳоди таклифҳо оиди интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо барои мақомоту муассисаҳои Хадамот;

назорати фаъолияти мақомоту муассисаҳои Хадамот;

назорати иҷрои қарорҳо, фармонҳо ва супоришҳои Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботҳои меъёру қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ, стандартҳои давлатӣ аз вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, корхонаву ташкилотҳо, сарфи

назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравияшон, ҳамчунин аз соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ;

манзур намудани пешниҳодҳо ба мақомоти болоӣ оид ба сарфарозгардонии кормандони Хадамот барои хизматҳои шоиста бо мукофотҳои Вазорати тандурустии ва ба мукофотҳои давлатӣ;

манзур намудани пешниходҳо тибқи тартиби муқараргардида оид ба таъсис, таҷдиди (сохтор) ва барҳамдиҳии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дар системаи Хадамот фаъолиятдошта;

ташкил намудани экспертизаи санитарию эпидемиологӣ, тафтиш, муоина, санҷиш, ҳамчунин баҳодиҳии заҳролудӣ, радиологӣ, гигиенӣ ва дигар намуди онҳо;

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани бақайдгирии давлатии моддаҳои барои инсон эҳтимолан зарароварии химиявӣ ва биологӣ, намудҳои алоҳидаи маҳсулот, моддаҳои радиоактивӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, ҳамчунин намудҳои алоҳидаи маҳсулот, ки бори аввал ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд.

Ҳуҷҷатҳои ташкилию супоришотии сардори Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ - муовини сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд: Қарор дар бораи манъ кардани истифодабарии объект, Супориш, Амрнома, Супоришҳои санҷишӣ ва Огоҳнома барои баёнот додан оид ба қонунвайронкунии санитарию эпидемиологӣ.

19. Ба зиммаи Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон додани хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ оид ба ҳуҷҷатҳои зерин вогузор мегардад:

хуҷҷатҳои меъёрию техникӣ (стандартҳо, шартҳои техникӣ ва ғайра), ки барои намудҳои нави ашёи хом, таҷҳизот ва равандҳои технологӣ, асбобҳо, ашёи хоми озуқаворӣ ва маҳсулоти озуқа, масолеҳи сохтмонӣ, манбаъҳои афканишоти ионизатсиякунанда, зарф, моддаҳои химиявӣ, биологӣ, маводи бастабандӣ ва полимерӣ, маҳсулоти чарчинворию косметикӣ, маҳсулотп полиграфӣ ва дигар молҳои истеъмоли халқ таҳия карда мешаванд;

меъёрҳои лоиҳакашӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ оид ба банақшагирӣ ва иморатсозӣ дар шаҳрҳо ва деҳот;

лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, навсозии корхонаҳо, иншоотҳои бузург ва шабакаҳои муҳандисӣ, воситаҳои нақлиёт, инчунин ба истифода додани онҳо;

меъёрҳои партовҳои ҳадди аксар имконпазири моддаҳои химиявӣ, биологӣ ва микроорганизмҳо ба ҳаво, лоиҳаҳои минтақаҳои муҳофизати санитарӣ;

лоиҳаҳои меъёрҳои лоиҳакашӣ, стандартҳои давлатӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон, лоиҳаҳои қоидаҳои ветеринарӣ (байторӣ) ва фитосанитарӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, ҳифзи муҳити табиии зист,

стандартҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ, лоиҳаҳо ва барномаҳои ҷумҳуриявии мақсаднок дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемпологии аҳолӣ тибқи қоидаҳои санитарии тасдиқшуда;

истеҳсол, истифода ва ба аҳолӣ фурӯхтани навъҳои нави маҳсулот (бори аввал истеҳсолшаванда ё ҷоришаванда), равандҳои нави технологии истеҳсоли маҳсулот, иловаҳои ғизоӣ, ашёи хоми озуқаворӣ ва маводу маснуоти ба онҳо алоқадошта;

ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ворид намудани маҳсулот тибқи номгӯе, ки Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст;

таҳия, ба истеҳсолот гузоштан, истеҳсоли саноатӣ ва истифодаи маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоте, ки аз хориҷа харида мешавад;

иҷрои корҳо бо моддаҳои биологӣ, организмҳои биологӣ, микробиологӣ ва токсинҳои онҳо;

интихоби манбаъҳои об, ки бо мақсадҳои табобатӣ истифода мегарданд;

истифодаи мошинҳо, механизмҳо, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва асбобҳо, инчунин истеҳсол, истифода, ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ, зерм хок карданм моддаҳои радиоактивӣ, маводҳо ва партовҳое, ки манбаи омилҳои физикии таъсир ба инсон (садои баланд, ларзиш, таъсироти ултрасадоӣ, афканишоти гармӣ, ионкунанда, ионнакунанда ва дигар афканишот) мебошанд:

барномаҳо, усулҳо ва низоми таълиму тарбия, воситаҳои техникии аудновизуалӣ ва дигар воситаҳои таълиму тарбия, мебели таълимӣ, инчунин китобҳои дарсӣ ва дигар маҳсулоти чопӣ;

навъҳои алоҳидаи фаъолият (кору хизматрасонӣ), ки барои инсон хатари имконпазир дошта, бояд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон лмтсензия кунонида шаванд;

моддаҳои химиявӣ, биологии бори аввал дар истеҳсолот ҷоришавандае, ки пештар истифода намешуданд ва воситаҳои онҳо дар асоси мавод бояд ба қайди ҳатмии давлатӣ гирифта шаванд;

лоиҳаву барномаҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ фаъолият анҷом медиҳанд.

**V. Шахсони мансабдори барои анҷом додани назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ваколатдошта**

20. Шахсони мансабдори барои анҷом додани назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ваколатдошта инҳоянд:

Сардухтури давлатии санитарӣ - муовини Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардор ва мутахассисони Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сардухтури Маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию

эпидемиологӣ, ки бо пешниҳоди Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

сардухтурони давлатии санитарӣ ва роҳбарони мақомот ва муассисаҳои Хадамоти ВМКБ, видоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки бо пешниҳоди Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

сардухтурони давлатии санитарӣ ва роҳбарони мақомот ва муассисаҳои Хадамот дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва ноҳияҳои ш.Душанбе, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

роҳбарони шӯъбаҳо, бахшҳо, лабораторияҳо, гурӯҳҳо, нуқтаҳо, истгоҳҳо, дигар воҳидҳои мақомот ва муассисаҳои Хадамот дар минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, духтурони гигиенаи умумӣ, гигиенаи ғизо, гигиенаи меҳнат, гигиенаи коммуналӣ, гигенаи радиатсионӣ, гигиенаи кӯдакон ва наврасон, эпидемиологҳо, паразитологҳо, бактериологҳо, вирусологҳо, токсикологҳо, дезинфексионистҳо, ёварони духтурон ва духтурон-лаборантҳо, муҳандисон, техникҳо, лаборантҳои мақомот ва муассисаҳои Хадамот.

**VI. Ҳуқуқи шахсони мансабдори Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

21. Шахсони мансабдори Хадамот, ки назорати давлатии санитарию эпидемиологиро анҷом медиҳанд, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматии худ ва бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ҳуқуқҳоеро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ" ва ҳамин Низомнома пешбинӣ карда шудаанд, истифода менамоянд.

22. Шахсони мансабдори тамоми сатҳҳои Хадамот барои пӯшидани либоси расмӣ, нишонҳои фарққунанда, шаҳодатномаи хизматии нусхаи муқарраргардида ҳуқуқ доранд ва таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд.

23. Дар назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо барои баррасии коллегиалӣ ва ҳалли масъалаҳои рушд, идоракунӣ, такмили фаъолияти Хадамот шӯроҳои санитарию эпидемиологӣ таъсис дода мешаванд, ки тибқи низомномаҳои тасдиқнамудаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

24. Ҳуқуқи таъсис, таҷдид ё таъсис ва барҳамдиҳии муассисаҳои нави Хадамот мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

25. Таъминоти моддию техникӣ, сохтмон ва навсозии биноҳои Хадамот аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии мутамарказе, ки ба

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда мешаванд, маблағҳои аз иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои аз ҷониби Хадамот анҷомдодашаванда ворид мешаванд, маблағҳое, ки аз фаъолияти нашриётӣ, пардохтҳои ихтиёрӣ, хайрияҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба даст меоянд, инчунин аз дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, сурат мегирад.